# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин дар мавзӯи «Таълимоти Ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ**

Дар даврони соҳибистиқлолӣ фалсафаи иҷтимоии тоҷик дар асоси ҷалби манбаъҳои аслӣ ба мадори андешаронихои густардаи таҳлилӣ тавонист зина ба зина саҳифаҳои таърихӣ ташаккулёбияшро дар заминаи фарҳанги миллӣ пурра намояд, дар гузаштаи начандон дур ин кор аслан аз ҷониби намояндагони соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ анҷом дода мешуд. Онҳо бештари мавврид дар ҳошияи таҳқиқоташон бахшида ба таълимоти файласуфони алоҳида ягон боб ё зерфасли хурдеро таҳти унвони «ақидаҳои иҷтимоии мутафаккир» ҷудо намуда, ба баррасии маҳдуди андешаҳои олими мавриди назар мепардохтанд. Ҳарчанд дар замони худ ин таҳқиқот аз арзиши муайян холӣ набуданд, вале барои эҷоди тасаввуроти низоми мукаммал аз таърихи фалсафаи иҷтимоии мо пурра мусоидат наменамуданд. Аксар мавврид ҷанбаҳои пуроблемавии масъалагузориҳо ва муқоисаҳо аз назарҳо дур мемонданд.

Аркомиддинзода Ш.А. дар автореферати худ тавонистааст, ки таълимоти Ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон нишон диҳад. Зимни таҳлили масъалаи мазкур муҳаққиқи рисола таваҷҷуҳи худро ба он равона месозад, ки Ибни Халдун сифатҳои иҷтимоии инсонро на ҳамчун падидаи ирсию номутағайир, балки ҳамеша дар ҷараёни таҳаввулу такомулёбӣ тасвир менамояд. Дар таҳаввулу такомулёбии сифатҳои иҷтимоии инсон нақши омилҳои гуногунро нишон медиҳад, ки ин ба таълимоти ӯ хусусияти воқеъбинона медиҳад. Дар рисола вобаста ба мартабаашон омилҳои таъсиррасон ба сифатҳои иҷтимоии инсон мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Зимни таҳлил нишон дода шудааст, ки Ибни Халдун сифатҳои иҷтимоии инсонро иборат аз маҳоратҳое медонад, ки барои иҷрои муносиби фаъолияти ҷамъиятӣ хизмат менамоянд. Яъне маҳз бо такя аз ҳамин сифатҳо

инсон рафтору фаъолияти муайянро ба сомон мерасонад. Дар байни сифатҳое, ки аз назари Ибни Халдун барои зиндагӣ дар ҷомеа муҳиманд инҳоро зикр менамояд: фазилат, накукорӣ, меҳнатқаринӣ, эҳтиром ба дигарон, сарфакорӣ, эътимодмандӣ, масъулиятнокӣ, устувории равонӣ, майл ба ҳамкорӣ, худтатбиққунӣ ва ғайра (с. 16).

Ба андешаи Аркомиддинзода Ш.А., Ибни Халдун ниёзҳои зарурӣ ва фитрии инсонро сабаби аслии пайдоиши зиндагии иҷтимоӣ медонад. Мутафаккир инсонро фитран маданӣ дониста, ногузирии иҷтимоиёти инсониро таъкид мекунад. Вай омили маишатро ба унвони ниёзи асосӣ ва зарурати табиӣ ва омили дигаргунии марҳалаҳои тамаддун мешуморад. Ибни Халдун тавонист сохторҳоеро дар падидаҳои фарҳангӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ дар ниҳодҳои созмони иҷтимоӣ дарёфт намояд, ки ба таҷрибаи инсонӣ ғановат бахшад (с. 18).

Диссертант чунин андеша дорад, ки таълим ва тарбият ҳамеша ба унвони яке аз масъалаҳои асосии инсоният ба шумор меравад. Инчунин Ибни Халдун барои омӯзиш, ҳадаф ва мақсадҳои гуногунеро дар назар гирифтааст, ки аввалин ҳадаф, тарбияти фикру рушди ақлии инсон аст (с. 18).

Автореферат эҷодкорона навишта шуда, мазмун ва муҳтавои ҳар як масъалаи матраҳгардида, дар сатҳи баланди илмиву фалсафӣ таҳлил шудаанд. Дар кор мустақилияти фикрӣ ва таҳлилу андешаронии хоси муаллиф равшан мушоҳида мешавад.

Аз автореферат чунин бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб фарогири шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Хулосаҳое, ки муаллиф пешниҳод намудааст, хусусияти ҷиддии илмӣ дошта, мантиқан асосноку дурустанд ва вижагиҳои тадқиқоти гузаронидаи муаллифро инъикос менамоянд.

Сарфи назар аз дастоварду муваффақиятҳои илмӣ дар шарҳу тавсифи мавзӯъҳои матраҳгардидаи автореферат баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасад, ки бештар хислати техникӣ ва услубӣ доранд. Аммо бе ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти илмии рисоларо кам намекунанд. Бешубҳа, муаллиф ба ҳадафи таҳқиқоти худ ноил гардидааст. Диссертатсия дорои аҳамияти калони илмию амалӣ

буда, бар асоси меъёрҳо ва талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ сазовор аст.

**Муқарриз,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсенти**
**кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** **Пиров А.К.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67, Тел: (+9923222) 25481,
**Вебсайт**: www.ktsu.tj. **E-mail:** ktsu78 @mail.ru

Имзои н.и.ф., дотсент Пиров А.К. -ро
тасдиқ менамоям:
Сардори ШК Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав **Шукурзод Ҷ.А.**